# Корхонаи Давлати Фаръии Обтаъминкунии нохияи Муъминобод"

# ҚАРОР № 1

« 13 » январи 2016с. н. Муъминобод

## Дар бораи таъсис додани Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди КДФО –и нохияи Муъминобод

Бо мақсади таъмини ҳуқуқу манфиатҳои муштариён ва иштироки онҳо дар ҷараёни қабули қарорҳои таъминкунандаи оби нӯшокӣ ва мустаҳкам гардонидани боварии аҳолӣ ва тарафҳои манфиатдор, ҷалби муштариён, намояндагони ҷамъияти маҳаллӣ дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори ташкилоти обтаъминкунанда оид ба масъалаҳои намояндагии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо зарур аст. Яке аз усулҳои босамари баланд бардоштани иштироки ҷамъият дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори ташкилоти обтаъминкунанда - ин таъсис додани Шӯрой ҷамъиятӣ мебошад.

Бинобар мақсадҳо ва гуфтаҳои боло, ва мактуби КДФО аз 10.07.2014 таҳти № 34 КДФО-и ноҳияи Муъминобод:

**Қ а р о р м е к у н а м:**

1. Дар назди Корхонаи Давлати Фаръии Обтаъминкунии нохияи Муъминобод» Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ таъсис дода шавад;
2. Низомномаи Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ тасдиқ карда шавад (Замимаи №1);
3. Ҳайати аъзоёни Шӯрои машваратӣ тибқи рӯйхати ба қарор замимашуда, тасдиқ карда шавад (Замимаи №2);
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи рохбарияти КДФО н.Муъминобод вогузошта шавад.

Роҳбари КДФО-и
н.Муъминобод:- Мирзоев Назар

Бо Карори Рохбари КДФО-и нохияи Муъминобод
Мирзоев Назар аз 10.06.2014с. тасдик карда шудааст

# НИЗОМНОМАИ
# Шурои машваратии чамъиятии
# назди КДФО-и нохияи Муъминобод

## Мукаррароти умуми

1. Шурои чамъияти (минбаъд Шуро) макомоти машваративу мушохидави мебошад, ки бо максади чалби муштариён, намояндагони сохторхои чомеъаасоси махалли ба иштироки фаъолона дар фаъолияти ташкилоте, ки хизматрасонии интиколи оби нушокиро мерасонад, дар чодаи хукук ва манфиатхои конунии муштариён ва тарафхои манфиатдор дар назди маъмурияти таъминкунандаи оби нушокии таъсис дода шудааст.
2. Шуро дар асоси иштироки ихтиёрии шахрвандон (муштариён) ва намояндагони таъминкунандаи оби нушокии КДФО-и нохияи Муъминобод, 15 махаллахои чамоати Шахраки Муъминобод таъсис дода шудааст.
3. Шуро макомоти доимо амалкунандаи чамъияти мебошад, ки фаъолияти хешро бо ташаббуси сохторхои махаллии чамъияти амали менамояд.
4. Фаъолияти Шуро дар асоси ташкил ва гузаронидани чаласахо оид ба масъалахои банакша гирифташуда, мухокима ва кабули карорхо оид ба масъалахои соха, амали мегардад.
5. Карорхои Шуро характери тавсияви доранд.
6. Шуро фаъолияти худро дар асоси Сарконуни (Конститутсияи) Чумхурии Точикистон, конунхои Чумхурии Точикистон ва дигар санадхои меъёрию хукукии Чумхурии Точикистон, инчунин Низомномаи мазкур амали менамояд.

## 1. Вазифа ва ухдадорихои асосии Шуро

7. Вазифахои Шурои машваратию чамъияти инхо мебошанд:

- ташкили механизми намояндаги ва пешбарии манфиатхои муштариён, чомеъаи махалли дар назди таъминкунандаи оби нушоки;
- ташаккули системаи ошкорсози ва татбики ташаббуси чомеъаи махалли дар халли муаммохои тахмини оби нушоки;
- пешниход ва мулохиза намудани ташаббусхои чамъиятии бо фаъолияти тахминкунандаи оби нушоки алокаманд, ки ба инкишофи соха равона карда шудаанд.
- амалигардонии мониторинги чамъияти оид ба муассирии ичроиши карорхои кабулкардаи тахминкунанда;
- ёрманди ба ташкили системаи санадхои меъёрии дохили, коидахо, сиёсат ва тартибот дар сохаи таъмини оби нушоки;
- ташаккули механизми муассири намояндагии манфиатхои муштариён ва чамъияти махалли дар макомотхои идоракунии таъминкунанда;
- таъмини хамкории муассири намояндагони чамъияти махалли, ташкилотхои чамъияти ва сохторхои тичорати бо намояндагони таъминкунанда;
- таъмини шароити муттахидсозии тарафхои манфиатдор ва иштироки онхо дар сохаи таъмини оби нушоки ва дигар масъалахое, ки ба хукук ва манфиатхои онхо дахл дорад;
- таъмини шароит оид ба ошкор кардани намояндагони фаъоли ичтимоии тарафхои манфиатдор, пешсафони потенсиали ё пешсафони ташаккулёфта ва таъмини минбаъдаи устворгарди ва пешравии онхо.

8. Ухдадорихои асосии Шуро:

- Намояндагии манфиатхои истеъмолкунандагон дар назди таъминкунанда;
- Иштирок дар фаъолияти меъёр эчодкуни дар сатхи таъминкунандаи оби нушоки;
- Иштирок дар назорат аз болои ичроиши санадхои меъёриву хукукии сохаи таъминоти оби нушоки ва оид ба дигар санадхое, ки бо манфиатхои истеъмолкунандагон алокаманданд;
- Мусоидат дар гузаронидани чорабинихои мухими ичтимои;

- Фаъолияти маърифативу машварати;
- Амалигардонии мониторинг ва бахогузории сифати хизматрасонии пешниход шаванда;
- Омузиш ва чамъбасти нуктаи назари чомеа оид ба масъалахои мухими фаъолияти таъминкунанда;
- Амалигардонии дигар функсияхое, ки барои ичрои вазифахои дар Низомномаи мазкур дарчгашта, заруранд.

## 2. ХУКУКХОИ ШУРО

9. Барои амалигардонии фаъолияти худ Шуро хукук дорад:
   1) Даъват намудани чаласахои кории мувакката ва доими;
   2) Ташкил ва гузаронидани конфронс ва нишастхо ва дигар чорабинихо бо чалби намояндагони макомотхои ичроияи хокимияти давлати дар махал, ташкилотхои чамъияти, ташкилотхои байналхалки;
   3) Аз рохбарияти таъминкунандаи оби нушоки дастрас намудани лоиахои санадхои меъёриву хукукие, ки оид ба онхо гузаронидани машварати чамъияти зарур аст;
   4) Пешниходи вориднамоии таъгийироту иловахо ба Низомномаи мазкур;
   5) Дар холати ради беасоси тавсияхо хабардор намудани чомеъа ва зинахои болои;
   6) Барои таъмин намудани фаъолияти муассири Шуро маблаги доноронро чалб намояд;
   7) Аъзоёни Шуро хукук доранд, ки бо розигии сардори ташкилоти таъминкунанда дар мачлисхои навбати ва дигар чаласахои таъминкунандаи оби нушоки иштирок намоянд;
   8) Ба таъминкунандаи оби нушоки дар амалигардонии алокаи муттакобила бо чамъият мусоидат намояд.

## 4.Тартиби ташаккулёбии Шуро

10. Ба хайати Шуро раисони махаллахо, сардорони бинохои истикомати, фаъолони чомеа, намояндагони халки ва намояндагони таъминкунандаи оби нушоки дохил шуда метавонанд.
11. Хайати микдории Шуро муттаносибан ба микдори махаллахое (куча, кварталхо), ки дар зери хизматрасонии таъминкунандаи оби нушоки карор доранд, мукаррар карда мешавад. Микдори аъзоёни Шуро на бояд аз 9 нафар кам бошад. Хайати микдории аъзоён бояд ток бошад.

12. Микдори намояндагони таъминкунанда дар Шурое, ки дар назди он таъсис дода шуда аст, на бояд аз 3 нафар зиёд бошад.

13. Аъзои Шуро метавонад аз аъзоги бо тарики пешниходи ариза ба Раиси Шуро хорич шавад.

14. Асосхои пеш аз мухлат хорич намудани аъзои Шуро:

   1) Бе сабабхои узрнок зиёда аз ду маротиба ба чаласахои Шуро хозир нашудан;
   2) Надоштани имконияти иштирок дар кори Шуро бо сабаби вазъи саломати;
   3) Бо тарики суди ғаръи кобили амал эътироф намудани аъзо.

15. Шуро дар хайати Раис, котиб ва аъзоён таъсис дода мешавад.

16. Раис ва котиб дар чаласаи Шуро бо рохи овоздихи интихоб карда мешаванд.

17. Идоракунии кори Шуро аз чониби Раиси Шуро амали карда мешавад.

18. Ваколатхои Раиси Шуро:
   1) Рохбарии чаласахои Шуро;
   2) Тасдик кардани накшаи кори Шуро ва хайати гуруххои кори;
   3) Гузоштани имзо дар суратмачлисхо ва дигар хуччатхои Шуро;
   4) Амалигардонии фаъолият оид ба ичрои Карорхои Шуро;
   5) Намондагии Шуро дар макомотхои давлати ва ғаръии давлати, аз чумла корхонаву ташкилотхои хоричи;

19) Ваколатхои котиби Шуро:
   1) Назорат аз болои тайёр намудани кори чаласахои Шуро ва назорат аз болои мухлати ичроиши Карорхои кабулшуда;
   2) Тахмин намудани дастгирии ташкили, ахбороти ва робитавии фаъолияти Шуро;

3) Ташкил ва пешбурди коргузории Шуро ва тартиб додани суратмачлисхо;
4) Дигар фаъолияте, ки аз чониби Шуро ва Раиси он ба зимааш вогузор карда мешавад.

5. Ташкили фаъолияти Шуро

20. Шакли асосии кори Шуро чаласахо мебошад. Чаласаи Шуро хангоми дар он на камтар аз панчох фоизи аъзоёни он ширкат варзидан гузаронидашуда, ба хисоб меравад.

Даврияти гузаронидани чаласахои Шуро аз тарафи аъзоёни он тибки накшаи тасдикгардидаи фаъолияти Шуро мукаррар карда мешавад.

Аъзои Шуро хукук дорад бо пешниходи баррасии масъала дар чаласаи Шуро пешниход намояд.

21. Шуро тибки накшахои фаъолияти солона, ки аз тарафи Шуро ва Раиси Шуро тасдик, инчунин бо таъминкунандаи оби нушоки мувофика шуда фаъолияти хешро ба рох мемонад.
22. Аъзоёни Шуро дар чаласахои он бе хукуки каси дигарро ба чои худ фиристодан иштирок менамоянд. Хангоми гайриимкон будани иштирок дар чаласа, аъзои Шуро хукук дорад андешаи худро оид ба масъалаи баррасишаванда дар шакли хатти фиристонад. Андешаи кайдшуда бояд дар чаласаи Шуро барои баррасии гирифта шуда, хангоми овоздихи ба назар гирифта мешавад.
23. Дар холати пеш омадани зарурият бо карори Раиси Шуро намояндагони макомоти конунгузор ва макомоти ичроия, дигар макомотхои давлати, чамъияти, васоити ахбори оммаро даъват намояд.
24. Чаласахои Шуро ба таври кушод гузаронида мешаванд ва дар он шахрвандон, намояндагони ташкилотхои чамъияти ва ВАО метавонанд ширкат варзанд.
25. Дар чаласахои Шуро хар як аъзои он дорои як овоз мебошад. Карори Шуро хангоми овоз додани аксарияти иштирокчиён кабул гардида, бо суратмачлиси чаласа, ки онро Раис ва котиб имзо мегузоранд, ба расмият даровварда мешавад.
26. Шуро фаъолияти хешро дар хамкори бо чомеъа ба рох монда, пешниходот ва масъалахое, ки бевосита фаъолияти ташкилоти обтаъминкунанда вобастаги дорад, кабул ва баррасии менамояд.
27. Карорхои Шуро хусусияти тавсияви дошта, хангоми норози будани ташкилоти обтаъминкунанда, охирон норозигии хешро бояд ба таври хатти асоснок намояд.
28. Натичаи фаъолияти Шуро доимо ба чомеъа тавассути намояндагони онхо, ки аъзои Шуро мебошанд расонида мешавад.

6. Муносибати мутакобилаи ташкилоти обтаъминкунанда бо Шуро.

29. Рохбари ташкилоти обтаъминкунанда яке аз муовинони худро, хамчун намояндаи ташкилоти обтаъминкунанда дар Шуро муайян менамояд, ки намояндагии доимии ташкилоти обтаъминкунандаро дар муносибат бо Шуро ба рох мемонад.
30. Иштироки намояндаи ташкилоти обтаъминкунанда дар чаласахои Шуро хатми буда, у сохиби як овоз мебошад.
31. Рохбари ташкилоти обтаъминкунанда хукук дорад ба рузномаи чаласахои Шуро масъалахои мувофикро барои баррасии дохил намояд.
32. Карорхои Рохбари ташкилоти таъминкунандаи оби нушоки, ки бевосита ба баланд бардории нархнома, муайянсозии речаи интиколи оби нушоки ва дигар масъалахое, ки бевосита ба холати молиявию-ичтимоии истеъмолкунандагон таъсир мерасонад, бе розигии мачлиси умумии Шуро кабул гардида намешавад.
33. Рузномаи чаласаи Шуро на кам аз се руз пеш ба Рохбари ташкилоти обтаъминкунанда фиристода мешавад.
34. Ташкилоти таъминкунандаи оби нушоки тибки дархостхои Шуро, ба Шуро маълумотхо барои амалигардонии ваколатхояш, ба гайр аз маълумоте, ки сирри тичорати ё дигар намуди сире, ки бо конунгузори хифз шудааст, пешниход намояд.

7. Мукаррароти хотимави

35. Фаъолияти Шуро бо карори Рохбари ташкилоти таъминкунандаи оби нушоки, ва ё тибки карори мачлиси умумии аъзоёни Шуро бархам дода мешавад

3.Дар асоси Накша чорабинихои якчояи Шурои Чамъиятии назди КДФО ва Дастгохи чамоати Шахрак дар хамаи махаллахо (МХЧ-хои)мачлисхои чамоави оиди баланд бардоштани маърифати хукукии истеъмолкунандагони об гузаронида шавад.(накша чорабини замима мешавад)

Раиси Шурои Чамъияти:- Оламби Латифова.

Котиби Шурои Чамъияти:- Гулчехра Рачабова

Замимаи №5 ба Карори Директори КДФО-и
нохияи Муъминобод тахти №1 аз 13.01.2016с.
тасдик шудааст: Мирзоев Назар

# РУЙХАТИ

## аъзоёни Шурои машварати чамъиятии назди КДФО-и н.Муъминобод

1. Латифова Оламби Иброхимовна
   Раиси Ташкилоти Чамъиятии «Садбарг»-и
   нохияи Муъминобод.
   Тел: 918700378
   - Раиси Шуро
2. Мирзоев Назарали директории КДФО-и н.Муъминобод
   Тел: 987049467
   - Муовини Раиси Шуро
3. Рачабова Гулчехра – раиси КИО-и махаллаи Т.Рахимов.
   Тел: 987467546
   - Котиби Шуро

**Аъзоён:**

4. Рачабова Саломатхон - раиси чамоати Шахраки Муъминобод.
   Тел: 918226950;
5. Мирзоев Довуд – назоратчии истифодабарии оби КДФО-и н.Муъминобод.
   Тел:- 987138918;
6. Латифов Абдурозик - Сармухосиби КДФО-и н.Муъминобод.
   Тел: 900 28 13 15;
7. Гулов Рустам Сардори муштариёни КДФО-и н. Муъминобод.
   Тел: 918318423.
8. Хочаев Махсум - Раиси махаллаи ба номи Асрор.
   Тел: 985131957;
9. Валиев Умар – Раиси махаллаи А.Навои.
   Тел: 988829119;
10. Тагоев Юсуф – Раиси махаллаи ба номи С.Ализода
   Тел: 901 11 24 11
11. Мирзоев Файзулло - Раиси КИО-и махаллаи ба номи А.Фирдавси.
   Тел: 935866531

12. Рустамов Муродали - Раиси махаллаи ба номи Н.Сафаров.
Тел: 919220033

13.Каримов Чамахон – муовини раиси чамоати шахраки Муъминобод.

Тел: 985827765

14.Аврангов А раиси МХЧ-и ба номи И.Сомони

15.Рахмонов Мадисо Раиси МХЧ- и ба номи Чавонон

Тел; 985167116